# 14610 - Фариштагон

**савол**

Оё метавонед бароям оиди фариштагон каме маълумот бидиҳед?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аллоҳ таъоло фариштагонро аз нур офаридааст. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Фариштагон аз нур офарида шудаанд, ҷин аз шӯълаи оташ ва одам аз он чизе, ки барои шумо васф шуд, офарида шуд».** Ривояти Муслим: (2996).

Фариштагон бар тоати Аллоҳ саришта шудаанд:

﴿لَا يَعْصُونَ اللَّهَ مَا أَمَرَهُمْ وَيَفْعَلُونَ مَا يُؤْمَرُونَ﴾ (سورة التحريم: 6).

**«Ба амри Аллоҳ нофармонӣ намекунанд ва ҳар дастуре, ки мегиранд, иҷро менамоянд».** (Сураи Таҳрим: 6).

Онон махлуқоне мебошанд, ки намехӯранду наменӯшанд, балки хӯрокашон тасбеҳу таҳлил аст, чуноне ки Аллоҳ таъоло дар бораи онон фармудааст:

﴿يُسَبِّحُونَ اللَّيْلَ وَالنَّهَارَ لَا يَفْتُرُونَ﴾ (سورة الأنبياء: ٢٠).

**«Онон шабу рӯз тасбеҳ мегӯянд, сустӣ намекунанд».** (Сураи Анбиё: 20).

Фариштагон ба ягонагии Аллоҳ гувоҳӣ додаанд. Чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿شَهِدَ اللّهُ أَنَّهُ لاَ إِلَهَ إِلاَّ هُوَ وَالْمَلاَئِكَةُ وَأُوْلُواْ الْعِلْمِ قَآئِمَاً بِالْقِسْطِ لاَ إِلَهَ إِلاَّ هُوَ الْعَزِيزُ الْحَكِيمُ﴾ (سورة آل عمران: ١٨).

**«Аллоҳ гувоҳӣ додааст, ки ҳеҷ маъбуде (барҳақ) ҷуз Ӯ нест ва фариштагону соҳибони дониш (низ бар ин чиз гувоҳӣ додаанд). Дар ҳоле, ки ки (Аллоҳ таъоло дар ҷаҳони ҳастӣ) барподорандаи адл аст. Ҳеҷ маъбуде (барҳақ) ҷуз Ӯ нест, ки тавонову боҳикмат аст».** (Сураи Оли Имрон: 18).

Дар мақоми бузургдошт, Аллоҳ таъоло аз миёни фариштагон фиристодагонеро интихоб кард, чуноне ки аз миёни мардумон фиристодагонеро баргузидааст:

﴿اللَّهُ يَصْطَفِي مِنَ الْمَلَائِكَةِ رُسُلًا وَمِنَ النَّاسِ﴾ (سورة الحج: ٧٥).

**«Аллоҳ аз миёни фариштагон фиристодагонеро бармегузинад ва аз миёни мардумон низ (фиристодагонеро интихоб мекунад)».** (Сураи Ҳаҷ: 75).

Ҳангоме ки Аллоҳ таъоло Одамро офарид ва хост, ки ӯро бузург бидорад, ба фариштагон амр намуд, то ба ӯ саҷда кунанд:

﴿وَإِذْ قُلْنَا لِلْمَلاَئِكَةِ اسْجُدُواْ لآدَمَ فَسَجَدُواْ إِلاَّ إِبْلِيسَ أَبَى وَاسْتَكْبَرَ وَكَانَ مِنَ الْكَافِرِينَ﴾ (سورة البقرة: ٣٤).

**«Ва чун ба фариштагон гуфтем: "Барои Одам саҷда кунед". Ҳама саҷда карданд, ба ҷуз иблис, ки рӯй гардонд ва такаббур варзид ва аз ҷумлаи кофирон шуд».** (Сураи Бақара: 34).

Фариштагон махлуқони бузург мебошанд ва вазифаҳои гуногун доранд ва гурӯҳҳои бисёранд, ки ононро ғайр аз Аллоҳ каси дигаре намедонад, аз ҷумла, бардорандагони Арш:

﴿الَّذِينَ يَحْمِلُونَ الْعَرْشَ وَمَنْ حَوْلَهُ يُسَبِّحُونَ بِحَمْدِ رَبِّهِمْ وَيُؤْمِنُونَ بِهِ وَيَسْتَغْفِرُونَ لِلَّذِينَ آمَنُوا﴾ (سورة غافر: ٧).

**«Фариштагоне, ки Аршро мебардоранд ва онҳое, ки дар гирди онанд, ба ситоиши Парвардигорашон тасбеҳ мегӯянд ва ба Ӯ имон доранд ва барои аҳли имон омӯрзиш мехоҳанд».** (Сураи Ғофир: 7).

Яке аз фариштагон ваҳйро бар паёмбарон фуруд меоварад ва ӯ Ҷибрил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мебошад, ки Қуръонро бар Муҳаммад (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ

бод) фуруд овардааст:

﴿نَزَلَ بِهِ الرُّوحُ الْأَمِينُ ۞ عَلَى قَلْبِكَ لِتَكُونَ مِنَ الْمُنْذِرِينَ﴾ (سورة الشعراء: ١٩٣ – ١٩٤).

**«Руҳуламин онро ба қалби ту нозил кард, то ин ки аз тарсонандагон бошӣ».** (Сураи Шуаро: 193-194).

Яке аз фариштагон Микоил мебошад, ки ӯ муваккал ва масъули борону растанӣ аст. Дигаре Исрофил мебошад, ки ӯ муваккал ва масъули сур дар рӯзи қиёмат аст.

Аз ҷумла фариштагони нигаҳбон вуҷуд доранд, ки ба ҳифзи фарзандони Одам ва аъмоли онон вазифадоранд:

﴿وَإِنَّ عَلَيْكُمْ لَحَافِظِينَ ۞ كِرَامًا كَاتِبِينَ﴾ (سورة الإنفطار: ١١-١٢).

**«Албатта бар шумо нигаҳбононе (фариштагоне) вобаста шудаанд, ки нависандагони бузургвор ҳастанд».** (Сураи Инфитор: 10-11).

Аз ҷумла фариштагоне вуҷуд доранд, ки муваккал ва масъули навиштани амалҳои неку бади бандагонанд:

﴿إِذْ يَتَلَقَّى الْمُتَلَقِّيَانِ عَنِ الْيَمِينِ وَعَنِ الشِّمَالِ قَعِيدٌ ۞ مَا يَلْفِظُ مِنْ قَوْلٍ إِلا لَدَيْهِ رَقِيبٌ عَتِيدٌ﴾ (سورة ق: ١٧ – ١٨).

**«Ҳангоме ки ду фариштаи фарогиранда аз ҷониби рост ва чапи ӯ нишастаанд, ҳар чизро фаро мегиранд. Ҳар лафзе, ки аз забонаш мебарояд, онро назоратгару нависандае аст».** (Сураи Қоф: 17-18).

Гурӯҳе аз фариштагон масъули гирифтани ҷони мӯъминонанд:

﴿الَّذِينَ تَتَوَفَّاهُمُ الْمَلَائِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلامٌ عَلَيْكُمُ ادْخُلُوا الْجَنَّةَ بِمَا كُنْتُمْ تَعْمَلُونَ﴾ (سورة النحل: ٣٢).

**«Онон, ки фариштагон ҷонашонро дар ҳоле поканд, мегиранд, мегӯянд: "Салом бар шумо! Ба хотири корҳое, ки мекардед, ба биҳишт ворид шавед"».** (Сураи Наҳл: 32).

Гурӯҳе аз фариштагон масъули гирифтани ҷони кофиронанд:

﴿وَلَوْ تَرَى إِذْ يَتَوَفَّى الَّذِينَ كَفَرُواْ الْمَلآئِكَةُ يَضْرِبُونَ وُجُوهَهُمْ وَأَدْبَارَهُمْ وَذُوقُواْ عَذَابَ الْحَرِيقِ﴾ (سورة الأنفال: ٥٠).

**«Агар бубинӣ он замонро, ки фариштагон ҷони кофиронро меситонанд, ба рӯю пушташон мезананд ва мегӯянд: "Азоби сӯзонро бичашед"».** (Сураи Анфол: 50).

Гурӯҳе аз фариштагон посбонони биҳишт ва хизматгорони биҳиштиён мебошанд:

﴿وَالمَلاَئِكَةُ يَدْخُلُونَ عَلَيْهِم مِّن كُلِّ بَابٍ ۞ سَلاَمٌ عَلَيْكُم بِمَا صَبَرْتُمْ فَنِعْمَ عُقْبَى الدَّارِ﴾ (سورة الرعد: ٢٣ – ٢٤).

**«Ва фариштагон аз ҳар даре бар онон ворид мешаванд. (Ва ба онон мегӯянд:) "Салом бар шумо ба хотири сабру шикебоие, ки доштед. Пас, чи накӯст фарҷоми он саро"».** (Сураи Раъд: 23-24).

Гурӯҳе аз фариштагон посбонони дӯзаханд:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ﴾ (سورة التحريم: ٦).

**«Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаатонро аз оташе, ки ҳезуми он мардуму сангҳост, нигаҳ доред, бар он фариштагони хашин ва сахтгир гуморида шудаанд».** (Сураи Таҳрим: 6).

Гурӯҳе аз фариштагон бо ҳамроҳи мӯъминон ҷиҳод мекунанд:

﴿إِذْ يُوحِي رَبُّكَ إِلَى الْمَلآئِكَةِ أَنِّي مَعَكُمْ فَثَبِّتُواْ الَّذِينَ آمَنُواْ سَأُلْقِي فِي قُلُوبِ الَّذِينَ كَفَرُواْ الرَّعْبَ فَاضْرِبُواْ فَوْقَ الأَعْنَاقِ وَاضْرِبُواْ مِنْهُمْ كُلَّ بَنَانٍ﴾ (سورة الأنفال: ١٢).

**«Ҳангоме ки Парвардигорат ба фариштагон ваҳй кард, ки Ман бо шумоям, пас мӯъминонро собитқадам бидоред. Ба зудӣ, дар дилҳои кофирон хавфу ҳарос меафканам. Пас бар болои гарданҳояшон бизанед ва ангуштонашонро қатъ кунед».** (Сураи Таҳрим: 6).

Дар шаби қадри моҳи Рамазон, фариштагон (ба замин) мефароянд, то бо мусулмонон шоҳиди хайр бошанд. Чуноне ки Аллоҳ таъоло фармудааст:

﴿لَيْلَةُ الْقَدْرِ خَيْرٌ مِنْ أَلْفِ شَهْرٍ ۞ تَنَزَّلُ الْمَلائِكَةُ وَالرُّوحُ فِيهَا بِإِذْنِ رَبِّهِمْ مِنْ كُلِّ أَمْرٍ﴾ (سورة القدر: ٣-٤).

**«Шаби қадр аз ҳазор моҳ беҳтар аст. Фариштагон ва Руҳ (Ҷибрил) дар он шаб бо фармони Парвардигорашон барои (анҷоми) ҳар коре (ба замин) мефароянд».** (Сураи Қадр: 3-4).

Фариштагон ба хонае ки дар он муҷассама (ҳайкал) ва ё сурат ва ё саг бошад, ворид намешаванд. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:

**«Фариштагон ба хонае ки дар он саг ва ё сурат бошад, ворид намешаванд».** Ривояти Муслим: 2106.

Имон ба фариштагон рукне аз аркони имон аст ва касе ононро инкор намояд, бешубҳа кофир шудааст:

﴿وَمَن يَكْفُرْ بِاللهِ وَمَلاَئِكَتِهِ وَكُتُبِهِ وَرُسُلِهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ فَقَدْ ضَلَّ ضَلاَلاً بَعِيدًا﴾ (سورة النساء: ١٣٦).

**«Ва ҳар кас ба Аллоҳ ва фариштагони Ӯ ва китобҳову паёмбаронаш ва рӯзи қиёмат куфр варзад, бе тардид, дар гумроҳии дуру дарозе афтодааст».** (Сураи Нисо: 136).